"ТАСДИҚ МЕКНАМ"
Ретори Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон
н.и.и., дотсент Раҳмонзода З.Ф.

«__2__» ____09____ 2024с.

# ТАҚРИЗИ

муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Сафаров Абдумалик Абдусатторович дар мавзуи «Нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ пешниҳод шудааст.

## Мутобиқати муҳтавои диссертатсиям ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.

Диссертатсияи Сафаров Абдумалик Абдусатторович ба бандҳои зерини Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ мувофиқат мекунад: 7.2 – Таъмини инкишофи босуботи иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ: 7.3 – Стратегияи миллии рушди иқтисодӣ; 8.2 – Танзими раванди иқтисодӣ дар сатҳи миллӣ ва байналхалқӣ; 15 – Ҷараёни (селҳои) байналхалқии сармояи қарзӣ, сармоягузориҳои мустақим ва портфелӣ, мушкилоти танзими онҳо дар сатҳи миллӣ ва ҷаҳонӣ.

## Муҳимияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Ҷаҳонишавии иқтисодиёт масъалаҳои зиёди бо ҳамдигар алоқамандро ба вуҷуд меорад, ки дар байни онҳо яке аз муҳимтарин масъалаи сармоягузории хориҷӣ мебошад. Таҷрибаи кишварҳои тараққикарда нишон медиҳад, ки нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар

ҷалби сармоягузорӣ хеле бузург аст. Бе муҳайё намудани шароити ҳавасмандгардонӣ барои сармоягузорони хориҷӣ, имконпазир ба вусъатбахши ҳаҷмҳои сармоягузорӣ ба иқтисоди кишвар усулан ҳал намудани вазифаҳои ташаккули робитаҳои нави хоҷагӣ, рушди истеҳсолот, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандон, барқарор намудани шаъну эътибори кишвар дар арсаи байналмилалӣ ғайриимкон аст. Тоҷикистон барои ҷалби сармояи хориҷӣ дорои як қатор заминаҳои объективӣ мебошад: бозори нави имконпазир, захираҳои бойи табиӣ, қувваи кории дорои тахассуси кофӣ ва арзон нақши муфидро мебозад, вале амалӣ гардонидани имкониятҳои мавҷуда таҳияи сиёсати самараноку мунтазамро дар соҳаи ҷалби сармоягузории хориҷӣ, андешидани тадбирҳои зарурии ба боз ҳам беҳтар гардонидани муҳити сармоягузории хориҷӣ равона гардида, ҳамчунин таҳияи сиёсати давлатии сармоягузорӣ, ки хусусияти ба таври дуруст тавсия кардани мақсадҳо ва вазифаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии дар асоси ҷалби сармоягузории хориҷӣ амалӣ мешударо тақозо менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори бузурги энергетикӣ мебошад, ки идоракунии он, аз ҷумла сиёсати сармоягузории давлатӣ, метавонад боиси рушди иқтисодиёти кишвар гардад. Ҳамчунин, рушд ва таҳкими ҳамкориҳои байнидавлатӣ аҳамияти зиёд дорад. Ин метавонад дар ҳалли масъалаҳои мубодила ва интиқоли қувваи барқ байни давлатҳо, инчунин проблемаҳои муносибатҳои мутақобилаи байни агрегатсия ва гидроэнергетика кӯмак расонад ва ҳамчунин, таъсиси бозори энергия, об ва хизматрасонӣ дар Осиёи Марказӣ мусоидат кунад. Дар маҷмуъ, ба ақидаи як қатор коршиносон, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда комилан метавонад ба маркази энергетикии миқёси минтақавӣ табдил ёбад. Ҳамаи ин, дар навбати худ зарурати мукаммалгардонии механизми ташаккул ва ҷалби сармоягузории мустақими хориҷиро дар ҷумҳурӣ тақозо менамояд, ки мубрамияти кори таҳқиқоти диссертатсияро ифода менамояд.

**Дараҷаи асоснок ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Ҳадафи асосии таҳқиқот, ки яке аз мавзуъҳои мустақили ба анҷом расонидашуда мебошад, дар асоси таҳлили вазъи муосир ва дурнамои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш кардааст, ки нақши онҳоро дар рушди иқтисоди миллӣ нишон дода, омилҳоеро, ки ба нияти ҷалби сармояи хориҷӣ монеъ мешаванд ва фазои сармоягузории ҷумҳуриро халалдор месозанд, муқаррар намуда, роҳҳои бартараф сохтани онҳоро пешниҳод кардааст, иборат мебошад.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ – иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти ҷалбкунандаи СМХ, баланд бардоштани нақши он дар ноил шудан ба ҳалли ҳадафҳои афзалиятноки инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар. Мавзуи таҳқиқот муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки дар раванди ҷалби сармоя ба иқтисоди миллӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, ниҳодҳои хоҷагидории он ва мамлакатҳои алоҳида ё гурӯҳи мамлакатҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва дигар шарикони хориҷӣ сурат дода мешаванд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** усулҳои таҳқиқоти назариявӣ, ҳисобҳои таҳлилӣ, таҳлили муқоисавӣ, монографӣ, таҳлилӣ-омилӣ ва гурӯҳбандии оморӣ ташкил медиҳанд. Усулҳои мазкур барои расидан ба мақсадҳои дар кори илмӣ гузоштешуда ва коркарди пешниҳодҳои мушаххаси илмӣ мусоидат менамоянд.

Дар бораи нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ва амалӣ, семинарҳо ва конфронсҳои назариявии ҳарсолаи профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (2018-2024), ҳамчунин, ҳангоми хондани маърузаҳо дар муассисаи мазкур гузориш дода шудааст.

**Тавсифи умумии кори диссертатсионӣ.**

Диссертатсияи Сафаров Абдумалик Абдусатторович дар худ таҳқиқоти мустақилонаи масъала, гузориши мақсад ва вазифаҳои

муайянро ифода менамояд. Сохтори диссертатсияи мазкур аз руйи таркиби худ мантиқан дуруст ташкил карда шудааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 кори илмӣ дар ҳаҷми умумии 3,8 ҷ.ч., аз ҷумла дар 6 мақола (3 муаллифӣ) дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи диссертатсия, дараҷаи тадқиқоти илмии проблемаи мавриди омӯзиш асоснок карда шуда, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объекту матлаб, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии диссертатсия, саҳми шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ шарҳ ёфтаанд.

**Дар боби якум,** ки "Асосҳои назариявию методии сармоягузории хориҷӣ ва тамоюлоти инкишофи он" – назария ва консепсияҳои сармоягузории хориҷӣ ба таври интиқолӣ таҳлилу шаклҳои маблағгузории берунӣ гурӯҳбандӣ шуда, таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи ташкили МОИ, ташаккули паркҳои инноватсионию технологӣ аз нуқтаи назари ҷалби СМХ ба иқтисоди миллӣ ҷамъбаст ва имконоти истифодаи онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои ниҳодҳои анъанавӣ ва муосири он тавзеҳ гардидаанд.

**Дар боби дуюм** "Вазъи муосир ва арзёбии саҳми сармоягузории мустақими хориҷӣ дар инкишофи иқтисоди кишвар" - динамика ва сохтори сармоягузории хориҷии андӯхташуда дар тӯли 21 сол (2001-2022) таҳлил гардида, робитаи мутақобили андозаи СМХ ва нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии инкишофи ҷумҳурӣ, асосҳои иқтисодию институтсионалии ташаккули фазои сармоягузорӣ равшан карда шудаанд.

**Дар боби сеюм** "Сиёсати сармоягузорӣ ва механизми танзими раванди сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" моҳияти сиёсати сармоягузорӣ, принсипҳо, самтҳои афзалиятноки он, механизми танзими

раванди сармоягузорӣ, роҳҳои тақвияти таъсири воситаҳои он ба зиёд кардани ҳаҷм ва суръати маблаггузории бахши воқеии иқтисод ва соҳаҳои инфрасохторӣ иброз гардидаанд.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии онҳо ифода ёфтаанд. Нуқтаҳои асосии диссертатсия бо 16 ҷадвал, 8 расм ва 1 диаграмма шарҳ дода шудаанд. Феҳристи адабиёти истифодашуда – сарчашмаҳои иқтибосӣ ва номгӯи асару мақолаҳои умумии илмиро ба забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар бар мегирад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муҳаққиқ дар асоси таҳлили вазъи муосир ва дурнамои ҷалби СМХ ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш кардааст, ки нақши онҳоро дар рушди иқтисоди миллӣ нишон дода, омилҳоеро, ки ба ҷалби сармояи хориҷӣ монеъ мешаванд ва фазои сармоягузории ҷумҳуриро халалдор месозанд, муқаррар намуда, роҳҳои бартараф сохтани онҳоро пешниҳод кардааст.

Ба натиҷаҳои муҳимтарини ин таҳқиқот, ки навгонии илмӣ дошта, барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, тааллуқ доранд:

- мураттаб сохтани назарияҳои сармоягузориҳои хориҷӣ, робитаи мутақобилаи онҳо бо амалияи ҷалби СМХ ба иқтисоди миллӣ;

- таҳлили муқоисавии таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи бунёду фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ), паркҳои инноватсионию технологӣ ва истифодаи онҳо ба манфиати ҷалби сармояи хориҷӣ ва ҳамгироии фаъолияти илмию техникӣ ва хоҷагидорӣ;

- арзёбии дараҷаи таъсиррасонии сармоягузориҳои мустақими хориҷии андӯхташуда ба динамикаи нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии ҷумҳурӣ;

- арзёбии ҳамаҷонибаи фазои сармоягузории мамлакат дар асоси метод ва нишондиҳандаҳои қиёсии дар илми иқтисод ва таҷрибаи ҷаҳонӣ маъмул;

- таҳлили ҳамаҷонибаи сиёсати муосири сармоягузорӣ, муайян сохтани ҷиҳатҳои мусбату манфии он, роҳҳои такмили механизми танзими раванди сармоягузорӣ ва унсуру воситаҳои он;

- пешниҳоди варианти мувофиқтари оптималии тақсими маблағҳои ҷалбшуда байни соҳаву минтақаҳои мамлакат.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- Назария ва моделҳои асосӣ, ки моҳияту мазмуни сармоягузории хориҷиро дар заминаи робитаи онҳо бо амалияи ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ шарҳ медиҳанд;

- Нақши афзалиятноки СМХ дар иқтисоди миллӣ аз мавқеи инкишофи иқтидори истеҳсолию содиротии он, таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолӣ;

- Корбасти таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи ташкили МОИ, паркҳои инноватсионӣ ва технологӣ ҷиҳати истифодаи имконпазири он дар шароити мушаххасу махсуси Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Мукаммалгардонии фазои сармоягузорӣ, роҳҳои бартараф намудани омилу ниҳодҳое, ки ба ҷалби сармояи хориҷӣ монеъ мешаванд;

- Хосияти тағйироти динамика ва сохтори сармоягузории хориҷии ба иқтисодиёти кишвар ҷалбшуда. Нақши СМХ-и андӯхташуда дар инкишофи иқтисодиёт, таъсири онҳо ба динамикаи нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии мамлакат;

- Ташаккул додан ва татбиқи сиёсати нави сармоягузорӣ, ки ба шароити бозор мувофиқ ва ба саноатикунонии босуръату навсозии саноати Тоҷикистон, устуворгардонии мавқеи он дар бозорҳои хориҷӣ равона шудааст. Такмили механизми танзими раванди сармоягузорӣ ва

воситаҳои он, баланд бардоштани таъсири онҳо ба зиёд намудани ҳаҷм ва суръати сармоягузории истеҳсолию соҳаҳои инфрасохторӣ.

**Саҳми муаллиф дар ҳаллу фасли масъалаҳои илмӣ ва коркарди проблемаи илмӣ дар доираи мавзуи таҳқиқот** чунин аст:

- таҳлили интиқодии назария ва консепсияҳои сармоягузории хориҷӣ дар гузашта ва замони муосир, мураттаб сохтани омилҳое, ки дар назарияҳои мазкур тавзеҳ дода шудаанд, муайян кардани аҳаммияти онҳо ҷиҳати арзёбии ҷозибанокии мамлакат барои сармоягузорони хориҷӣ, таркиби сифати маблағгузории хориҷии иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таснифи шаклҳои сармоягузории хориҷӣ, муайян намудани аҳаммияти афзалиятноки СМХ барои иқтисодиёт аз нуқтаи назари рушди иқтидори истеҳсолии он, таъмини шуғли аҳолӣ, афзоиши амалиёти содиротию воридотӣ;

- таҳлили ҳамаҷонибаи сохтори ҷуғрофӣ, соҳавӣ ва минтақавии сармояи хориҷии ҷалбшуда, асосноксозии тавсияву пешниҳодҳо оид ба такмили он;

- арзёбии иштироки СМХ дар рушди иқтисоди миллӣ дар асоси ҳисобгузории коэффисиентҳои ҳамбастагӣ, ки дараҷаи таъсири мутақобилаи маҷмуи СМХ-и андӯхташуда ва нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи солҳои 2011-2020 баён мекунанд;

- ошкор намудани камбудиҳои ҷозибанокии мамлакат, фазои сармоягузории он барои СМХ ва роҳҳои бартараф намудани онҳо;

- таҳлили муфассали механизми танзими раванди сармоягузорӣ ва воситаҳои он, пешниҳоди тавсияҳои мушаххас оид ба тақвияти таъсиррасонии онҳо ба фаъолияти сармоягузорӣ, аз ҷумла зиёд кардани маблағгузории бахши воқеии иқтисод ва соҳаҳои инфрасохтори истеҳсолӣ, иқтисоди рақамӣ ва иқтисоди сабз.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дар бораи нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ва амалӣ, семинарҳо ва конфронсҳои назариявии ҳарсолаи профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (2018-2024), ҳамчунин, ҳангоми хондани маърӯзаҳо дар муассисаи мазкур гузориш дода шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ.**

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки муҳаққиқ таҳлили комплексии нақши СМХ-ро дар рушди иқтисоди миллӣ анҷом додааст, ки хулосаву натиҷагириҳои он барои рушди назарияи ҳаракати байналмилалии сармоя саҳми арзанда доранд. Аҳамияти амалии мавзуи диссертатсия дар навгонии илмии он ифода ёфта, хулоса ва тавсияҳои муаллиф, ҳамзамон, барои таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо, амалисозии барномаҳои ҳукуматӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба идораи фаъолияти сармоягузорӣ, дастгириву ҳавасмандгардонии маҷмуи талаботи сармоягузорӣ қобили истифода мебошанд.

Маводи таҳқиқотӣ имкон дорад аз ҷониби сохторҳои зерин барои ҳалли масоили мухталиф истифода шавад:

- пажӯҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотӣ ҳамчун замина ҷиҳати пешбурди таҳқиқоти оянда оид ба масоили сармоягузории хориҷӣ;

- муассисаҳои таҳсилотӣ ба тарзи маводи иловагӣ ҳангоми омӯзиши курсҳои таълимӣ ва махсус, монанди «Иқтисодиёти ҷаҳонӣ», «Муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ», «Муносибатҳои асъорию қарзӣ ва молиявии байналхалқӣ», «Фаъолияти байналхалқии сармоягузорӣ», «Тиҷорати байналхалқӣ», «Ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ»;

- муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар раванди омодасозии мутахассисони бакалавр, магистр, доктор PhD, ташкили барномаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо.

**Эродҳо ва баъзе тавсияҳо ба диссертатсия.**

Дар кори диссертатсионӣ дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд:

1. Дар боби якуми диссертатсия "Асосҳои назариявию методии сармоягузории хориҷӣ ва тамоюлоти инкишофи он" дида баромада шудааст. Аммо дар раванди омӯзиши асосҳои назариявӣ на ҳамаи ҷанбаҳои иқтисодию институтсионалии ташаккули фазои сармоягузории хориҷӣ ба пуррагӣ омӯхта нашудааст.

2. Дар боби дуюми диссертатсия "Вазъи муосир ва арзёбии саҳми сармоягузории мустақими хориҷӣ дар инкишофи иқтисоди кишвар" мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, аммо таҳлили омилҳои таъсиррасон ба бозори минтақавии сармоягузорӣ, аз ҷумла: таъмини инфрасохтори фаъолияти сармоягузорӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ташаккули бозори молиявӣ ба пуррагӣ омӯхта нашудааст.

3. Дар боби сеюми диссертатсия "Сиёсати сармоягузорӣ ва механизми танзими раванди сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" пешниҳод карда шудааст. Аммо механизми мушаххаси такмили сиёсати сармоягузории хориҷӣ бо назардошти ташкил ва идораи он ҳаматарафа баррасӣ нагардидааст.

4. Дар диссертатсия ба масъалаҳои рушди ҳамкориҳои бахши давлатию хусусӣ, такмили механизми андозию гумрукӣ ҳамчун омили ҷалби сармоягузорӣ пурра таҳқиқ нашудааст.

Камбудиҳое, ки дар боло қайд карда шудаанд, тавсиявӣ буда, моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунад.

Диссертатсияи Сафаров Абдумалик Абдусатторович дар мавзуи "Нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ

пешниҳод шудааст, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо "Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)" муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он, Сафаров Абдумалик Абдусатторович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти байналмиллалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз 28 август соли 2024, протоколи №1 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. Дар муҳокима иштирок карданд 15 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "Тарафдор" – 15 нафар, "Муқобил" нест, "Бетараф нест".

**Раиснкунандаи ҷаласа**:
мудири кафедраи
иқтисодиёти байналмилалии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Азимова М.Т.

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи
иқтисодиёти байналмилалии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Имомназаров М.А.

**Котиби ҷаласа**:
номзади илмҳои иқтисодӣ,
и.в. дотсенти кафедраи
иқтисодиёти байналмилалии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Гадоев А.Ҷ.

*«Имзои М.Т. Азимова, М.А. Имомназаров ва А.Ҷ. Гадоевро тасдиқ мекунам»:*

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва назорати ДТТ Раҳматулло Нусратулло

**Нишонӣ**: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 63/3.
**Тел.**: +992(37)234.79.87; **Факс**: +992(37)234.79.88
**Сомона**: http://www.tut.ru. **E-mail**: rektorat-tut@mail.ru